# АХБОРОТНОМАИ

## ғизои мактабӣ




№30, 2026


### ОШХОНАИ МАКТАБ АЗ НАЗДИК

Ҷаласаҳои сайёри шурои ҳамоҳангсозӣ оид ба ғизои мактабӣ чиро нишон доданд

ҳ. 4

### ТАЪМИ БЕШТАР, ФОИДА ВА ТАВАҶҶУҲ БА КӮДАКОН

Дар Тоҷикистон бори дигар беҳтарин ошпазҳо ва гармхонаву боғҳои наздимактабиро интихоб мекунанд

ҳ. 21

### «МАН ТАВАҚҚУФ НАХОҲАМ КАРД»

Роҳи касбии беҳтарин ошпази мактабии Тоҷикистон

ҳ. 26

# ҲАНДАЛАК:



## *Таъми ширини тобистон*

**Ҳандалак** — харбузаи барвақтпаз ва хушбӯйест, ки махсусан дар Тоҷикистон ӯро дӯст медоранд. Он ширин, боллазату шаҳдбор ва тароватбахш аст, ки он ба таомномаи тобистонаи оилавӣ хеле мувофиқ мебошад.

**ҲАНДАЛАК = ОБДОР + КЛЕТЧАТКА + ВИТАМИНҲО + ШИРИНИИ ТАБИӢ**



## ОЁ ШУМО МЕДОНИСТЕД?

**Ҳандалак** — навъи барвақти харбуза аст: дар Тоҷикистон ҳандалак дар охири баҳор — аввали тобистон пайдо мешавад.

**Хешованди бодиринг ва каду**

Ҳандалак харбузаест, ки ба оилаи кадуҳо таалluқ дорад. Бодиринг, каду, таррак ва тарбуз низ ба ин оила дохил мешаванд. Аз ин рӯ, аз ҷиҳати ботаникӣ, ҳандалак ба бодиринг нисбат ба себ ё шафтолу наздиктар аст.

**Ҳандалак нигоҳдории дарозмуддатро дӯст намедорад**

Харбузаҳои барвақтӣ, ба монанди навъи Ҳандалак, одатан мӯҳлати нигоҳдории кӯтоҳтар доранд, назар ба бисёр навъҳои дер. Беҳтар аст, ки онҳоро тару тоза, дар мавсим, дар ҳоле ки мағзи ширадори онҳо боллазату шаҳдбор ва болаззат аст, бихӯранд.

## БО ЧӢ ЯКҶОЯ КАРДАН ЛОЗИМ АСТ?

- **Ҷурғот ё йогурти табиӣ.** Барои газаки сабуки тобистона.
- **Творог.** Барои як варианти серғизо.
- **Шавлаи ҷавӣ ё гандумӣ.** Ба наҳорӣ таъми тоза илова кунед.
- **Чормағзҳо ё тухмиҳо.** Агар аллергия вуҷуд надошта бошад.
- **Дигар намуди меваҳои мавсимӣ.** Себ, зардолу, шафтолу ё буттамева.
- **Пудина ё кабудӣ.** Барои таъми тару тоза дар табақи меваҳои. тобистона.

## ЯК ВАЗИФАИ ХУРД БАРОИ КӮДАКОН

### Бо ҳандалак газаки тобистонаи худро омода намоед

1. **Асосро интихоб намоед:** ҷурғот, йогурт, творог или шавла
2. **Пораҳои ҳандалакро илова кунед**
3. **Иловаеро интихоб кунед:** овёс, себ, зардолу ё пудина
4. **Барои таоми худ номе эҷод кунед**

**Масъалан: «Шоҳкосаи офтобӣ», «Наҳори тобистона» ё «Ҳандалаки ширин».**

## ФОИДАИ ҲАНДАЛАК ДАР ЧИСТ?

**Тароватбахш дар гармӣ**

Ҳандалак дорои зиёди мағзи ширадор буда, он дар рӯзҳои гарм ҳамчун газаки сабук ва тару тоза хеле хуб мебошад.

**Ба ҳозима мусоидат менамояд**

Ҳандалак дорои нахи парҳезӣ мебошад, ки фаъолияти рӯдаҳоро дастгирӣ намуда, ба гуногунии ғизои кӯдак мусоидат менамояд.

**Иммунитетро дастгирӣ менамояд**

Ҳандалак дорои витамини C мебошад, ки барои қувваи ҳимоякунандаи бадан муҳим аст.

**Барои ҳаёти фаъол муфид аст**

Калий барои нигоҳ доштани фаъолияти муқаррарии мушакҳо ва дил мусоидат мекунад — ин махсусан барои кӯдаконе, ки хеле фаъоланд, муҳим аст.

**Ба иваз кардани шириниҳо мусоидат мекунад**

Ҳандаляки пухта бӯи хуш ва ширинии табиӣ дорад. Онро ба кӯдак ба ҷои қанд, кулчақандҳои ширин ё нӯшокиҳои газдор пешниҳод кардан мумкин аст.

## ЧӢ ТАВР ХӮРДАН МУМКИН АСТ?

1. **Пеш аз буридан, онро ҳатман бишӯед.**
2. **Донаҳоро гирифта, ба қисмҳои хурд буред.**
3. **Ҳандалаки резашударо муддати тӯлонӣ дар ҳарорати хонагӣ нигоҳ надоред.**

Агар мева аллакай бурида шуда бошад, беҳтар аст, ки онро дар яхдон дар зарфи пӯшида гузоред.



# Мундариҷа


**ХАБАРҲОИ ЛОИҲА**

4-6 **Ошхонаи мактаб аз наздик:** ҷаласаҳои сайёри шурои ҳамоҳангсозӣ оид ба ғизои мактабӣ чиро нишон доданд

7-11 **Лабораторияи одатҳои солим:** чӣ гуна Ҳафтаи ғизои солим дар водии Рашт баргузор гардид

12 **Таваҷҷӯҳи бештар ба саломатии кӯдакон:** Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти ғизои соҳавӣ созишнома оид ба ҳамкорӣ имзо намуданд

13-17 **Гармхонаҳо, боғҳо ва хӯроки нисфирӯзии мактабӣ:** ҳайати Тоҷикистон таҷрибаи Арманистонро меомӯзад

18-20 **Қирс-қирси себ, сурудҳо ва як ҷашни бузурги кӯдакона дар Хоруғ**

21-23 **Таъми бештар, фоида ва таваҷҷуҳ ба кӯдакон:** дар Тоҷикистон бори дигар беҳтарин ошпазҳо ва гармхонаву боғҳои наздимактабиро интихоб мекунанд

**САДОИ МАРДУМ**

24-25 **«Агар бо шавқу завқ меҳнат намоӣ»:** таърихи Алибек ва боғи мактабӣ

26-29 **«Ман таваққуф нахоҳам кард»:** роҳи касбии беҳтарин ошпази мактабии Тоҷикистон

**ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**

30-35 **Хӯроки нисфирӯзии гарм, ки барои дар мактаб мондан кӯмак мекунад:** таҷрибаи ғизои мактабӣ дар Ҳиндустон

**ДАР ТАБАҚ ЧӢ ҲАСТ?**

36-38 **Зағир — тухми хурд барои рӯзи бузург**

**МАСЛИҲАТҲОИ АМАЛӢ ОИД БА ҒИЗОИ СОЛИМИ ХОНАНДАГОН**

39-41 **Тавсияҳои глобалии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) оид ба ғизои мактабӣ:** сифати ғизо ҳамчун авлавияти асосӣ

**ЛАҲЗАИ ФАРОҒАТӢ**

42-51 **Саргузашти Картошка Пюррэ дар Ҷангалвил**


Нашри ахборотнома аз тарафи ТМҒ «Пажӯҳишгоҳи ғизои соҳавӣ» БО ФАРМОИШИ БАРНОМАИ ОЗУҚАВОРИИ ҶАҲОНИИ СММ ДАР ТОҶИКИСТОН таҳия гардид.

# ОШХОНАИ МАКТАБ АЗ НАЗДИК:

*ҷаласаҳои сайёри шурои ҳамоҳангсозӣ оид ба ғизои мактабӣ чиро нишон доданд.*

*Чӣ тавр метавон ғизои мактабиро босифат, бехатар ва дастрас кард? Кадом тағйиротҳо аллакай натиҷа медиҳанд ва дар кадом самтҳо ҳанӯз бояд кор кард?*

*Маҳз дар ин бора дар ҷаласаҳои Шурои ҳамоҳангсозии байниидоравӣ оид ба ғизои мактабӣ, ки тайи нимсолаи охир дар минтақаҳои Тоҷикистон баргузор гардиданд, сухан рафт.*

*Қисме аз мулоқотҳо дар шаҳри Душанбе ва қисми дигар дар ноҳияҳо бо боздид аз мактабҳо сурат гирифтанд. Дар онҳо масъалаҳои мушаххас: вазъи ошхонаҳои мактабӣ, маблағгузорӣ, таҷҳизот, шароити санитарӣ, сифати таомнома ва татбиқи минбаъдаи Барномаи давлатии рушди ғизои мактабӣ мавриди баррасӣ ва санҷиш қарор гирифтанд.*

*Дар ҷаласаҳо на танҳо мутахассисоне, ки бо барнома дар сатҳи миллӣ кор мекунанд, иштирок доштанд. Дар як миз намояндагони вазорату идораҳои марбута, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шарикони рушд, директорони мактабҳо ва нафароне, ки ҳар рӯз вазъиятро аз дарун мебинанд, ҷамъ омаданд.*






**Вилояти Суғд:**
**ошхонаҳои мактаб чиро нишон доданд**

Яке аз ҷаласаҳои сайёр дар вилояти Суғд баргузор гардид. Аъзои шуро аз мактабҳои ноҳияҳои Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Ҷаббор Расулов боздид намуданд.

Натиҷаҳои санҷиш боиси хушнудӣ мебошанд: дар як қатор мактабҳо аллакай тағйироти мусбат ба назар мерасанд. Таҷҳизоти муосири ошхона пайдо шуда, дар қисмати омодакунии хӯрок тартибу низом беҳтар мегардад ва таомнома тадриҷан гуногунранг мешавад. Нуктаи муҳим он аст, ки ошпазҳо торафт бештар на танҳо дар бораи меъёри додани хӯрок, балки дар бораи таъми таомҳои омодашуда низ фикр мекунанд. Ин барои кӯдакон аҳамияти калон дорад: ғизои солим бояд чунон бошад, ки иштиҳои хӯрдани онро дошта бошанд.

Маблағгузории давлатӣ ба таври алоҳида мавриди баррасӣ қарор гирифт. Чунончи, дар соли 2025 барои ғизои кӯдакон дар мактаби миёнаи №14-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 430,1 ҳазор сомонӣ ва дар мактаби миёнаи №8-и ноҳияи Айнӣ 145,8 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо карда шуд. Ин гуна маблағҳо нишон медиҳанд, ки барнома аллакай на танҳо ба ташаббуси мактабҳои алоҳида ва кумаки донорҳо, балки ба қарорҳои воқеии буҷетӣ такя мекунад.

**Душанбе:**
**натиҷаҳои соли 2025 ва нақшаҳо барои рушди минбаъда**

28-уми январ дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи ҷамъбастӣ оид ба натиҷаҳои соли 2025 баргузор гардид.

Дар бораи он сухан рафт, ки чӣ тавр Барномаи давлатии рушди ғизои мактабӣ аллакай соли чаҳорум аст, ки амал мекунад ва дар оянда кадом вазифаҳо пешбинӣ гардидаанд. Миқёси барнома аллакай ба назар намоён аст: дар соли 2025 зиёда аз 36 ҳазор кӯдак дар 94 мактаби кишвар – дар вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва ВМКБ ҳар рӯз аз ҳисоби давлат бо хӯроки гарм таъмин карда шуданд. Дар соли 2026 тақвияти ин дастгирӣ ба нақша гирифта шудааст: маблағгузории ғизои мактабӣ бояд қариб ду баробар афзоиш ёбад.



Ин ба мактабҳо имкониятҳои бештар медиҳад, ки ошхонаву ошпазхонаҳои худро ба тартиб оранд, ба кӯдакон бошад – ҳар рӯз дар мактаб бо хӯроки нисфирӯзии гарми бомазза ва солим таъмин шуданро кафолат медиҳад.

**Қарорҳои наву муосир:**
**Маркази ғизои мактабӣ ва нишони ягонаи барнома**

10-уми апрел дар шаҳри Душанбе ҷаласаи навбатии шуро баргузор гардид. Ин дафъа яке аз мавзуъҳои асосӣ таъсиси Маркази ғизои мактабӣ дар заминаи бахши ғизои мактабӣ дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Ақида дар он аст, ки ба низом марказе лозим мебошад, ки на танҳо ҳамоҳангсозиро анҷом диҳад, балки ба мактабҳо дар амал кӯмак намояд – таҷрибаҳоро



ҷамъ орад, равишҳоро коркард намояд ва татбиқи қарорҳои муосирро дастгирӣ кунад.

Дар ҳамин нишаст нишони ғизои мактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Иштирокчиён вариантҳоро баррасӣ намуда, махсус қайд карданд, ки рамз бояд оддӣ, шинохташаванда ва бо хӯроки кӯдакон алоқаманд бошад ва дар айни замон хусусиятҳои миллии кишварро инъикос намояд.

Нишон ҳанӯз бояд расман тасдиқ карда шавад, вале худи ин гуфтугӯ муҳим аст. Барнома тадриҷан на танҳо сохтори корӣ, балки шинохти хоси худро низ пайдо менамояд.

**Рашт:**
**санҷиш дар ҷойҳо**

Аз 14 то 17-уми апрел ҷаласаи сайёр дар ноҳияи Рашт баргузор гардид. Иштирокчиён аз мактабҳои ноҳияҳои Нуробод, Рашт, Тоҷикобод ва Лахш боздид карданд.

Дар ин ҷо низ таваҷҷуҳи асосӣ ба амалия равона карда шуд: вазъи ошхонаҳо, мавҷудияти таҷҳизот, шароити ташкил ва омода намудани хӯроки гарм. Мактабҳое, ки дар онҳо грантҳои хурди Барномаи озукаворӣи ҷаҳонии СММ дар Тоҷикистон амалӣ мешаванд, ва инчунин мактабҳое, ки маблағгузории давлатӣ мегиранд, ба таври алоҳида мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Чанд мактабҳои ноҳияҳои водии Рашт аз дастгирии давлатӣ бархурдор шуданд:

- мактаби №1 ноҳияи Нуробод – 195,6 тыс. сомонӣ;
- мактаби №2 ноҳияи Нуробод – 80,6 тыс. сомонӣ;
- мактаби №1 ноҳияи Тоҷикобод – 151,5 тыс. сомонӣ;
- мактаби №1 ноҳияи Рашт – 171,9 тыс. сомонӣ.

Ин сармоягузорӣ ба он чизҳое мебошад, ки аз онҳо хӯроки оддии нисфирӯзии мактабӣ шакл мегирад: таҷҳизоти коршоям, шароити муътадил дар ошхона ва фаъолияти мунтазами он рӯз то рӯз.

**Ҷаласаҳо чиро нишон доданд**

Ҳамаи чор ҷаласа нишон доданд: барномаи ғизои мактабӣ дар Тоҷикистон тадриҷан аз қарорҳои алоҳида ба як низоми бештар мураттабшуда гузашта истодааст.

Мактабҳое ҳастанд, ки дар онҳо аллакай натиҷаҳо ба назар мерасанд. Ноҳияҳое мавҷуданд, ки ба дастгирии иловагӣ ниёз доранд. Масъалаҳое низ ҳастанд, ки ҳамоҳангсозии байни вазоратҳо, мақомоти маҳаллӣ, мактабҳо ва шариконро талаб мекунанд. Вале муҳимтаринаш он аст, ки баррасӣ на танҳо дар утоқҳои корӣ сурат мегирад. Аъзои шуро ба мактабҳо рафта, вазъиятро дар ҷояш мебинанд ва бо касоне ки ҳар рӯз барои хӯроки кӯдакон масъуланд, суҳбат мекунанд.

Моҳияти ин гуна вохӯриҳо оддӣ аст: на худи баррасиҳо, балки то кадом дараҷа ба мактаб расидани қарорҳо муҳим мебошад – таҷҳизоти муосири коршоям, ошхонаи тоза, ошпазҳои соҳибтахассус ва хӯроки ҳамарӯзаи нисфирӯзии гарму мутавозин барои кӯдакон.






***Моҳи феврал дар ноҳияи Нуробод сарду барфӣ буд. Ҳароратсанҷ беруни мактаби рақами 28 – ро ҳарорати пасти доимиро нишон медод. Кӯдакон аз байни тӯдаҳои барфӣ мегузаштанд, аммо бо шодӣ ин корро мекарданд. Дар дохили деворҳои мактаб фазои гарму дӯстона, хурсандӣ ва... дониши нав дар бораи ғизои солим онҳоро интизор буд.***

***Аз 9 то 13 феврал, дар ин ҷо Ҳафтаи ғизои солим таҳти шиори "Хӯред. Ҳаракат кунед. Зиндагӣ кунед", ки ба "Рӯзи байналмилалии ғизои мактабӣ" бахшида буд, баргузор гардид. Ҳар рӯз ба реҷаи мактаб чизи нав ва муфид меовард: кашфиётҳо, таҷрибаҳо, бозиҳо, эҷодкорӣ, ғизоҳои ғайриоддӣ дар ошхонаи мактаб ва муҳокимаи пурҷӯшу хурӯш дар бораи он ки чӣ гуна ғизои солим бо қувват, некӯаҳволӣ ва инкишофи кӯдак алоқаманд аст.***

# ЛАБОРАТОРИЯИ ОДАТҲОИ СОЛИМ: ЧӢ ГУНА ҲАФТАИ ҒИЗОИ СОЛИМ ДАР ВОДИИ РАШТ БАРГУЗОР ГАРДИД

## *Рӯзи аввал: мусобиқа бо Гамбургер*

Дар рӯзи аввал, толор ба саҳна барои намоиши спектакли интерактивӣ табдил гардид. Гамбургер, таҷассуми зиндаи ҳама одатҳои бад буда, дар саҳна пайдо шуда, кӯшиш кард, ки шиори ҳафтаро бо калимаҳои "Хӯр. Хоб кун. Хуррок каш" иваз кунад ва кӯдаконро ба ин даъват намуд. Кӯдакон фавран вокуниш нишон доданд – толор пур аз шӯру ғавғо шуд. Сипас доктор Энерҷӣ ва варзишгар ба саҳна баромаданд. Тавассути бозиҳо ва фаъолиятҳои интерактивӣ, онҳо бо кӯдакон кор карданд, то фаҳманд, ки чаро Гамбургер хато кардааст. Бо муқоисаи танбалӣ бо фаъолият, ғизои носолим бо хӯроки солим, кӯдакон фаҳмиданд, ки чӣ гуна интихоби солимтар кунанд.

Дар ҳамон рӯз, дар давоми дарс, ба ҳар як хонандаи мактаб як варақаи шахсӣ оид ба пайгирии одатҳои солим дода шуд. Дар тӯли як ҳафта, аз кӯдакон хоҳиш карда шуд, ки корҳои солимеро, ки ҳар рӯз анҷом медиҳанд, пайгирӣ намоянд: нӯшидани оби кофӣ, хӯрдани панҷ ҳиссаи меваю сабзавот ва машқ кардан.



Пайгирӣ фавран ба қисми бозӣ табдил ёфт. Кӯдакон варақҳоро бо шавқ омӯхта, саволҳо доданд ва то рӯзи душанбе аллакай аввалин баҳоҳои худро гузошта буданд. Ҳамин тариқ, ҳафта на танҳо бо эҳсосот оғоз ёфт, балки идомаи амалӣ низ дошт - ҳар як кӯдак дар лоиҳаи хурди нигоҳубини саломатии худ иштирок намуд.

## *Рӯзи дуюм: вақте ки хӯрокҳои маъмулӣ мавзӯи таҳқиқот мешаванд*

Рӯзи сешанбе сӯҳбат дар бораи ғизо аз назария берун рафт. Синфхонаҳо ба фазоҳои мушоҳида ва муҳокима табдил ёфтанд. Тавассути таҷрибаҳои ҷолиб, муаллимон хонандагонро ташвиқ карданд, ки ба хӯрокҳои маъмулӣ бодиққаттар назар кунанд - на аз нуқтаи назари болаззат буданашон ё не, балки аз нуқтаи назари таркиб ва манфиатҳои онҳо барои саломатии инсон.

Кӯдакон якҷоя муҳокима намуданд, ки кадом хӯрокҳо барои истеъмоли ҳаррӯза мувофиқанд ва кадомашонро барои мавридҳои нодир беҳтар нигоҳ доштан мумкин аст. Онҳо дар бораи он ки чӣ қадар шакар дар нӯшокиҳо пинҳон шудааст ва аҳамияти маҳдуд кардани намак ва равғанро муҳокима карданд.

Истилоҳоти мураккаб вуҷуд надошт — танҳо мисолҳои равшан, саволҳо ва хулосаҳои муштарак. Хонандагон дар сӯҳбат фаъолона иштирок намуда, одатҳои худро нақл карданд ва онҳоро бо он чизе, ки дар синф омӯхта буданд, муқоиса карданд.

Ин рӯз барои муайян кардани нуктаи асосӣ кумак намуд: ғизои солим на дар бораи мамнӯъиятҳои қатъӣ, балки дар бораи қобилияти интихоби бошууронаи ғизо ва нигоҳ доштани тавозуни ҳаррӯза аст.

## *Рӯзи сеюм: ҳаракат – як қисми формулаи саломатӣ*

Рӯзи чоршанбе фаъолияти ҷисмонӣ дар маркази диққат буд. Субҳ бо машқҳои гурӯҳӣ оғоз ёфт. Хонандагони синфҳои болоӣ нақши роҳбаронро ба ӯҳда гирифтанд: машқҳоро нишон доданд, суръатро муайян карданд ва хонандагони хурдсолро рӯҳбаланд намуданд. Мусиқӣ, машқҳои шавқовар



ва ханда - кӯдакон худро ҳамчун як қисми як даста ҳис мекарданд.

Баъдтар, дар дарси тарбиявӣ, муаллимон бо кӯдакон муҳокима карданд, ки чаро фаъолияти мунтазами ҷисмонӣ барои инкишоф, тобоварӣ ва тамаркуз муҳим аст. Онҳо бояд дар як рӯз чӣ қадар вақтро ба фаъолияти ҷисмонӣ сарф намоянд? Агар онҳо ягон намуди варзиши мушаххасро дӯст надошта бошанд, кадом намудҳои фаъолияти ҷисмониро интихоб карда метавонанд?

Ҳамин тариқ, кӯдакон фаҳмиданд, ки саломатӣ бар амалҳои хурди ҳаррӯза асос ёфтааст ва ҳаракат яке аз унсурҳои муҳими он мебошад.

## *Рӯзи чорум: “табақи солим” бо дасти худ*

Рӯзи панҷшанбе ба мавзӯи "Ғизои эътирофшуда" бахшида шуда буд. Дар рӯи мизҳо доираҳо ва кортҳои коғазӣ бо тасвирҳои сабзавот, меваҳо, ғалладонагиҳо, гӯшт, моҳӣ ва лӯбиёгиҳо пайдо шуданд. Муаллимон ба хонандагон принсипи оддиро хотиррасон намуданд: нисфи табақ сабзавот ва меваҳо, чоряки он ғалладонагиҳо ва чоряки дигар хӯрокҳои бой аз сафедаҳо мебошанд.

Синф ба гурӯҳҳо тақсим шуд. Ҳар як гурӯҳ хӯроки нисфирӯзӣ ё наҳории худро дар асоси принсипи ғизои солим тартиб дод. Хонандагон муҳокима, баҳс ва андешаҳои худро дигар намуданд. Баъзеҳо ба шӯла мева илова карданд, дигарон пешниҳод намуданд, ки нӯшокии қанддорро бо об иваз намоянд.

Дар давоми намоишҳои хурд, кӯдакон бо итминон шарҳ доданд, ки чаро табақи онҳо мутавозин аст, кадом хӯрокҳо ба онҳо дар инкишоф ва кадом хӯрокҳо ба онҳо дар тӯли рӯз фаъол будан кӯмак мекунанд.

Рӯзи панҷшанбе як маҳорати муҳимро пешниҳод намуд: на танҳо донистани ғизои солим, балки қобилияти татбиқи ин дониш дар ҳаёти ҳаррӯза - ҳам дар мактаб ва ҳам дар хона.





Дар тӯли ҳафта, ошхонаи мактаб бо истифода аз китоби “Маҷмӯаи дастурхои ғизои мактабӣ”, ки аз ҷониби ташкилкунандагони чорабинӣ - Барномаи озуқаворӣи ҷаҳонии СММ ва Институти ғизои соҳавӣ таҳия шудааст, хӯрокҳои гуногуни гарм тайёр намуд.



## *Финал – кӯдакон ба саҳна мебароянд*

Рӯзи ҷумъа охири ҳафтаро қайд кард — равшан, пурэҳсос ва хеле самимӣ. Толор боз пур аз мусиқӣ буд. Ин дафъа худи кӯдакон ба саҳна баромаданд. Онҳо консертеро дар асоси он чизе, ки дар тӯли чанд рӯзи охир омӯхта буданд, омода карда буданд, аз ҷумла: нақли "солим"-и афсона дар бораи шалғам, шеърҳо дар бораи витаминҳо ва парҳези мутавозин ва муаммоҳо дар бораи меваю сабзавот.




Хонандагони синфҳои болоии мактаб Соро Давлатбекова ва Насриддин Орзузода бо итминон барномаро роҳбарӣ карданд. Дар финал саҳнае дар бораи Гамбургер, Духтур Энерҷӣ ва варзишгар намоиш дода шуд. Гамбургер шубҳа дошт, ки кӯдакон ҳама чизро мефаҳманд ва кӯшиш кард, ки онҳоро бо саволҳо дар бораи ғизо ошуфта кунад.



Аммо кӯдакон бо итминон ҷавоб доданд. Гамбургер дар ниҳоят таслим шуд: "Шумо дуруст мегӯед, ман низ меохоҳам қавӣ ва солим бошам!"

Муовини якуми раиси ноҳия Зафарҷон Ҳисориён, ки дар чорабинии ниҳоӣ иштирок дошт, сатҳи баланди ташкилӣ ва махсусан ҳунари кӯдакон ва хоҳиши самимии иштирок дар ҳамаи чорабиниҳои ҳафтаинаро қайд намуд.

Директори мактаб Умарбек Қосимов як мушоҳидаи муҳимро нақл намуд: сарфи назар аз сардии ҳаво, ҳузур сад фоиза дар тамоми ҳафта боқӣ монд. Ӯ қайд намуд, ки шавқи кӯдакон ба дарсҳо ва шакли ғайриоддӣ воқеан ангезабахш буд.

## *Волидон дар як мавҷ бо мактаб*

Волидон низ дар канор намонданд. Дар ошхона дарси маҳорати пухтупаз баргузор гардид, ки дар он онҳо бо ошпазҳо Зулфия Файзиева ва Мақсуда Рауфова ғизоҳои солимро тайёр намуда, дар бораи чӣ гуна нигоҳ доштани одатҳои нав дар хона сӯҳбат карданд.

Яке аз волидон, Беҳрӯз Ҳамидов, таассуроти худро чунин нақл намуд: *"Писари ман дар синфи дуюм таҳсил мекунад ва тамоми ҳафта бо ҳикояҳо ба хона бармегашт — дар бораи таҷрибаҳо, дар бораи шакар дар нӯшокиҳо, дар бораи "табақи солим". Акнун ӯ машқҳои субҳро анҷом дода, ба мо хотиррасон менамояд, ки варақаро пур кунем. Ин гуна фаъолиятҳо воқеан кор мекунанд — кош онҳо бештар мебуданд."*




Хонандаи синфи сеюм Омина Қурбонова бо шавқу завқ дар бораи Ҳафта сухан гуфт: *"Ман аз таҷрибаҳо ва машқҳо бо кӯдакони калонсол бештар лаззат бурдам. Акнун ман медонам, ки кадом хӯрокҳо солимтаранд, ман метавонам худам як "табақи солим" – ро тартиб диҳам ва кӯшиш намоям, ки бештар об нӯшам ва меваю сабзавотро интихоб кунам."*

## *Ба ҷойи охирсухан*

Дар чорабинии мазкур 280 нафар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, муаллимон, волонтёрон – хонандагони синфҳои болоӣ ва волидон иштирок карданд. Аммо калид на дар микёс, балки дар тағйирот дар одатҳои ҳаррӯза аст.

Ҳафтаи ғизои солим ба анҷом расид. Парчам бардошта шуд, саҳна холӣ шуд ва роҳравҳои мактаб ба реҷаи муқаррарии худ баргаштанд.

Аммо чизе тағйир ёфтааст. Дар мактаб кӯдакон бештар дар даст як шиша оби тоза доранд ва ба ҷойи як баста нон — қоқ дар даст себ доранд. Пайгирҳо то ҳол аломатҳои тозаеро нишон медиҳанд - далели хурди кӯшишҳои шахсии онҳо.

Ва шояд маҳз бо чунин қадамҳои содда ва фаҳмо чизи бузурге оғоз мешавад — фарҳанги нигоҳубини тиббӣ, ки якҷо бо кӯдак рушд мекунад.

*Ҳафтаи ғизои солим дар мактаби №28-и ноҳияи Нурободи дар доираи барномаи ғизои мактабии Барномаи озуқавории ҷаҳонии СММ дар Тоҷикистон бо дастгирии Институти ғизои соҳавӣ баргузор гардид. Ҳамаи маводҳои таълимӣ дар мактаб барои истифодаи доимӣ боқӣ монд.*

***Дар Душанбе созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилоти заминавии кишварҳои ИДМ оид ба масъалаҳои ғизои хонандагон – ТҒМ "Институти ғизои соҳавӣ" ба имзо расонида шуд.***

# ТАВАҶҶӮҲИ БЕШТАР БА САЛОМАТИИ КӮДАКОН:

*Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти ғизои соҳавӣ созишнома оид ба ҳамкорӣ имзо намуданд*



Дар маросими мазкур муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода, муовини вазир Бадриддин Музаффарзода, шахсони масъули вазорат, президенти ТҒМ "Институти ғизои соҳавӣ" Владимир Чернигов иштирок намуданд.

Мақсади асосии ҳамкорӣ ин дастгирии рушди ғизои мактабӣ дар Тоҷикистон ва мусоидат ба сифатноктар, бехатартар ва солимтар кардани он барои кӯдакон мебошад.

Барои Тоҷикистон – ғизои мактабӣ ҷанбаи муҳими сиёсати давлатӣ мебошад. Онҳо на танҳо бо саломатии кӯдакон, балки бо имкониятҳои баробари таҳсилӣ низ алоқаманданд. Вақте ки ғизои мактабӣ хуб ташкил карда мешавад, эҳтимоли бештари иштироки мунтазами кӯдакон, беҳтар омӯхтани дониш ва гирифтани дастгирии зарурӣ вуҷуд дорад.

Дар Ёддошт якчанд самтҳои кори муштарак зикр гардидаанд. Ҷонибҳо нақша доранд, ки барои беҳтар кардани чаҳорчӯбаи миллии меъёрӣ ва методологӣ барои ғизои мактабӣ, омода кардани мутахассисони соҳаи маориф ва ғизои мактабӣ ва кӯмак дар таъмири ошхонаҳои мактабӣ ва муассисаҳои хӯроквории ҳамкорӣ намоянд.

Таваҷҷӯҳи махсус ба сифат ва бехатарии ғизои мактабӣ зоҳир карда мешавад. Барои таъмини ғизои бехатар ва серғизои кӯдакон, усулҳои муосир барои тайёр кардан ва мониторинги ғизо татбиқ карда мешаванд.

Қисмати муҳими ҳамкорӣ бо таъминкунандагон ва хоҷагиҳои маҳаллӣ хоҳад буд. Ин ба мактабҳо кӯмак мекунад, ки маҳсулоти тару тоза ва табиӣ ба даст оранд ва истеҳсолкунандагони маҳаллӣ имкониятҳои наверо барои фурӯши маҳсулоти худ пайдо намуда, рушд кунанд.

Инчунин, дар Ёддошт мубодилаи таҷриба байни мутахассисон, таҷрибаомӯзӣ, семинарҳо, конфронсҳо ва вохӯриҳои корӣ пешбинӣ шудааст. Барои ташкили корҳои муштарак, ҷонибҳо метавонанд гурӯҳҳои корӣ ва шуроҳои коршиносонро таъсис диҳанд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти ғизои соҳавӣ омодагии худро барои идома додани ҳамкорӣ дар самти ҳадафи муштарак – беҳтар намудани ғизои мактабӣ дар кишвар ва таъмини таҳсили кӯдакон дар шароити солимтар ва мусоид изҳор доштанд.



# ГАРМХОНАҲО, БОҒҲО ВА ХӮРОКИ НИСФИРӮЗИИ МАКТАБӢ: ҲАЙАТИ ТОҶИКИСТОН ТАҶРИБАИ АРМАНИСТОНРО МЕОМӮЗАД

**Моҳи майи соли 2026 дар Ереван конференсияи байналмилалӣ таҳти унвони «Рушди устувори барномаҳои миллии ғизои мактабӣ дар шароити ҷаҳонӣ ва минтақавӣ» баргузор гардид. Ин садо мураккаб буда, аммо дар паси ин суханон як достони хеле содда ва инсонӣ меистад.**




**Таърихе дар бораи он ки чӣ тавр як хӯроки нисфирӯзии муқаррарии мактабӣ метавонад ба чизи бештаре табдил ёбад. На танҳо ҳамчун як табақи гарми хӯрок дар миёни рӯзи мактабӣ, балки як қисми ҳаёти мактаб, нигоҳубини кӯдакон ва иқтисоди маҳаллӣ.**



**Чорабинии мазкур намояндагони Арманистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Барномаи озуқаворӣи ҷаҳонии СММ, Маркази пешқадами таҷрибаи БОҶ оид ба коҳиш додани гуруснагӣ дар Бразилия ва Институти ғизои соҳавӣ (SIFI) гирди миз ҷамъ овард. Дар рафти муҳокимаҳои панелӣ, иштирокчиён дар бораи он чизе, ки ба табдил ёфтани ғизои мактабӣ ба як низоми қавии миллӣ мусоидат менамояд, муҳокима намуданд: идоракунии шаффоф, маблағгузории устувор, маҳсулоти баландсифат, стандартҳои муосир ва ҳамкорӣ бо истеҳсолкунандагони маҳаллӣ.**



### Иштироки Тоҷикистон

Дар ин ҷаласа Тоҷикистон таҷрибаи миллии худро оид ба рушди ғизои мактабӣ муаррифӣ намуд. Муовини вазири маориф ва илм Бадриддин Музаффарзода роҳи тайнамудаи кишварро аз ташаббуси озмоишии соли 1999 то тадриҷан таъсиси низоми устувори миллӣ муаррифӣ намуд. Имрӯзҳо маблағгузории барномаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳала ба марҳала афзоиш меёбад. Танҳо барои харидории маҳсулоти хӯроквориӣ беш аз 8 миллион доллари ИМА равона карда мешавад. Тақрибан 200 мактаб аллакай мустақиман аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад ва таҷрибаҳои муваффақи барномаи давлатӣ марҳала ба марҳала ба дигар мактабҳои кишвар паҳн мегарданд.

Аммо барои чунин воҳӯриҳо на танҳо муаррифии фаъолияти худ, балки омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя дар ҳалли вазифаҳои монанд аҳамияти хос дорад. Кадом амалҳо натиҷаи дилхоҳ доданд? Чиро метавон мутобиқ кард? Кадом ғояҳоро метавон дар кишвари худ татбиқ намуд?

Таҷрибаи Арманистон намунаи ҷолиб гардид. На ҳамчун қолаби тайёр, ки онро танҳо нусхабардорӣ кардан мумкин бошад, — зеро ҳар як кишвар шароит, мактабҳо, буҷет, анъанаҳо ва маҳсулоти хоси худро дорад, — балки ҳамчун сарчашмаи ғояҳои хеле арзишманд.

Барои аз наздик шинос шудан бо раванди амалии барномаи ғизои мактабӣ дар Арманистон, иштирокчиёни конфронс аз мактабҳое боздид намуданд, ки дар ҳудуди онҳо боғҳои интенсивию гармхонаҳо ва дигар ташаббусҳо рушд меёбанд. Ин ҳама барои на танҳо босифату гуногунранг, балки воқеан устувор гардонидани ғизои кӯдакон мусоидат менамояд.





### Мактаби нав, ошхонаи нав, фарҳанги нав

Нахустин нуқтаи масир мактаби асосии № 2-и шаҳри Абовян гардид. Бинои нав, долонҳои васеъ, ошхонаи муосир ва инфрасохтори андешидашуда. Дар ин ҷо ҳамарӯза 780 нафар хонанда бо ғизои гарм таъмин карда мешаванд.

Директори мактаб Артур Ташчян ба меҳмонон як нуктаи муҳимро баён намуд: хонандагон таомномаи навро на якбора қабул карданд. Ин вазъият барои бисёр мактабҳо шинос аст. Кӯдак метавонад ба як таъми муайян дар хона одат кунад ва ба ҳар як чизи нав бо эҳтиёт муносибат намояд. Ҳатто агар он муфид ҳам бошад.

Аммо марҳала ба марҳала ҳама чиз тағйир ёфт. Кӯдакон ба чашидани таомҳо оғоз карда, ба онҳо одат намуданд ва онҳоро муҳокимаву интихоб мекарданд. Дар атрофи он фарҳанги эътимод ба ғизои мактабӣ ба вуҷуд омад, ки ин нукта хеле муҳим аст. Таҳияи барномаи пурқувваттидори ғизои мактабӣ танҳо дар асоси таомнома ва таҷҳизот ғайриимкон аст. Ба ин хотир, ошпазоне лозиманд, ки бо диққату ғамхорӣ таом омода мекунанд. Мактабе лозим аст, ки ба кӯдакон аҳамияти ғизои солимро мефаҳмонад. Ва волидоне лозиманд, ки бехатарӣ ва муфид будани ғизои фарзанди худро мебинанд.





Дар мактаби № 2 ин раванд ба хубӣ эҳсос мешавад. Қисми муосири хӯроквориӣ, назорати сифати маҳсулот, бинохои алоҳида барои нигоҳдории сабзавоту меваҷот ва ташкили дурусти раванд — ҳамаи ин ба рушди барнома мусоидат менамояд.

Аз январи соли ҷорӣ як қисми хонандагони синфҳои ибтидоӣ — вобаста ба моҳҳо аз 80 то 130 нафар кӯдакон — дар гурӯҳҳои рӯзи дароз кардашудаи мактаб мемонанд ва онҳо низ бо ғизои гарм таъмин карда мешаванд.

### Қулфинай, гармхона ва нерӯи офтобӣ

Нуқтаи навбатӣ мактаби асосии №10 ба номи В. Ҳамбардзумян дар Абовян буд. Дар ин ҷо боздид бо мусиқӣ оғоз ёфт: кӯдакон меҳмононро бо суруди Ҷумҳурии Арманистон, сурудҳои миллӣ ва рақсҳо истиқбол намуданд.

Дар ин мактаб тақрибан 2 000 нафар кӯдакон таҳсил мекунанд, ки аз онҳо 900 нафар бо ғизои гарм таъмин карда мешаванд. Аммо нуктаи асосие, ки таваҷҷуҳи ҳайатро ҷалб намуд — гармхонаи мактабӣ бо масоҳати 500 метри мураббаъ мебошад, ки панҷ сол пеш бо дастгирии Барномаи озуқаворӣи ҷаҳонии СММ бунёд ёфтааст.

Ин як лабораторияи воқеии таълимӣ мебошад, ки дар он хонандагон тарзи мусоидат намудани технологияҳои муосирро барои дастрас кардани маҳсулоти босифат, муфид ва табиӣ дар амал меомӯзанд.

Дар як қисми гармхона растаниҳо бо усули муқаррарӣ парвариш карда мешаванд, дар қисми дигар бошад, гидропоника истифода мегардад. Клубника дар халтаҳои махсус бо нахи кокос парвариш карда мешавад.

Дар бораи сохти гармхона ба меҳмонон худи хонандагон — аъзои маҳфили «Гармхонаи инноватсионӣ» нақл карданд. Онон моҳияти гидропоникаро бо боварӣ шарҳ дода, растаниҳоро нишон доданд ва ба саволҳо ҷавоб гардониданд. Ба куллӣ аён буд, ки хонандагон дар ин ҷо на танҳо



ба таври одӣ мушоҳида мекунанд. Онон воқеан ба раванди мазкур ҷалб гардида, моҳияти фаъолияти худро дарк мекунанд ва дар ин бора бо шавқу рағбати хос сухан мегӯянд.

Директори мактаб Анаит Степанян қайд намуд, ки пас аз бунёди гармхона бисёр хонандагон дар бораиояндаи худ дар соҳаи кишоварзии инноватсионӣ ба андеша рафтанд. Мактаб намунаи олии он гардид, ки чӣ тавр ғизои мактабӣ ба ҳалқаи пайвандкунандаи байни дарсҳо, касб, замин, технологияҳо ва ояндаи кӯдак табдил меёбад.

Мактаб инчунин боз як роҳкори амалӣ — неругоҳи барқи офтобӣ бо тавоноии 60 кВт дорад. Он барои коҳиш додани хароҷоти марбут ба нигоҳдории гармхона ва омода намудани ғизо мусоидат менамояд.

### Гандзак: боғе, ки меҳӯронад ва таълим медиҳад

Сипас ҳайат ба мактаби миёнаи №2-и деҳаи Гандзак сафар кард. Дар ин ҷо меҳмононро бо нону намак, садои дол ва рақсҳои миллӣ истиқбол гирифтанд. Хонандагон инчунин «Суруди тарзи ҳаёти солим»-ро, ки дар доираи барномаи ғизои мактабӣ эҷод шудааст, иҷро намуданд.

Хонандагон аз соли 2020 инҷониб бо ғизои гарм таъмин карда мешаванд. Дар ин давра дар атрофи ошхона ташаббусҳои мухталиф, аз қабили боғи мактабӣ, маҳфилҳо ва лоиҳаҳо бо иштироки волидон ва занони маҳаллӣ рушд ёфтанд.

Мактаб имконияти беназире пайдо намуд, ки мактаби марказии барномаи «Трансформатсияи ғизои мактабӣ» гардад. Маҳз дар ҳамин ҷо боғи интенсивӣ бунёд карда шуд, ки имрӯз на танҳо ҳамчун сарчашмаи ҳосил, балки ҳамчун қисми муҳими корҳои таълимӣ хизмат менамояд.

Боғ бо дастгирии мақомоти иҷроияи марзи Гегаркуник, БОҶ СММ ва ҷомеаи волидон бунёд карда шуд. Дар қитъаи замин бо масоҳати 2 000 метри мураббаъ 600 бех дарахт шинонда шуд. Боғ дар фасли баҳор бунёд ёфта, аллакай дар тирамоҳ ҳосили аввалини худро дод.

Аммо нуктаи муҳимтарин ҳатто дар ҳосилнокӣ нест. Муҳим он аст, ки боғ ба як қисми раванди таълим табдил ёфтааст. Хонандагон равишҳои муосири парвариши растаниҳоро дар маҳфили







«Боғи инноватсионӣ» меомӯзанд. Дар баробари ин, маҳфили «Тарзи ҳаёти солим» низ фаъолият менамояд. Илова бар ин, хонандагон худашон дар қитъаи хурди замин сабзавоту кабудӣ мекоранд — тамоми ҳосили ҷамъоваришуда ба ошхонаи мактаб равона карда мешавад.

Ҳамин тариқ, кӯдак тамоми марҳалаи ҳаракати маҳсулотро аз замин то табақ ба таври аён мушоҳида мекунад: ин ҷо тухмӣ, парвариш, ҷамъоварии ҳосил ва ин ҷо ғизо дар рӯи мизи мактабӣ аст.

### Волидон ва ҷамъият — на мушоҳидон, балки иштирокчиёни раванд мебошанд

Дар Гандзак ба хубӣ аён аст, ки барномаи ғизои мактабӣ дар ҳолати ҷалби васеи ҷомеа самаранокии бештар нишон медиҳад. Ин танҳо ба фаъолияти директор, ошпазон ва омӯзгорон маҳдуд намешавад, балки волидон, сокинони маҳаллӣ, занони ҷамоат ва худи хонандагонро низ фаро мегирад.

Дар назди мактаб гурӯҳи занон фаъолият менамояд. Занон ҳосилро коркард намуда, аз малина, чилмева (мурӯд), себ ва сабзӣ меваҳои хушк (хушкбор) омода мекунанд. Маблағҳои аз фурӯши маҳсулот бадастомада барои ниёзҳои мактаб равона мегарданд: онҳо барои дастгирии барномаи ғизо, кӯмак ба оилаҳои ниёзманди соҳаи иҷтимоӣ ё эҳтиёҷоти синфҳо сарф мешаванд.

Инчунин ташаббуси «Гиёҳҳои мо» амал мекунад. Хонандагон гиёҳҳои шифобахшро ҷамъоварӣ намуда, чой омода мекунанд, онро мефурӯшанд ва маблағҳои бадастомадаро барои саёҳатҳои таълимӣ равона месозанд. Ин як ғояи одӣ ба назар мерасад, аммо он манфиати зиёд дорад: кӯдакон меҳнат кардан, ҳисоб кардан, банақшагирӣ, музокира кардан ва дидани натиҷаи кори худро меомӯзанд.

Дар раванди боздид меҳмонон низ ба як қисми ин ҳаёти мактабӣ табдил ёфтанд. Онон якҷо бо хонандагон ва волидон хӯришҳо омода намуда, меваҳоро реза карданд ва онҳоро ба дастгоҳи хушккунӣ гузоштанд, сипас дар сари мизи умумии хӯроки нисфирӯзии мактабӣ нишастанд. Чунин лаҳзаҳо бештари вақт нисбат ба муаррифӣ ва гузоришҳо аҳамияти амиқтарро инъикос менамоянд.

### Аҳамияти ин таҷриба барои Тоҷикистон дар чист?

Барои Тоҷикистон таҷрибаи Арманистон пеш аз ҳама бо ҷанбаи амалии худ арзишманд аст. Он нишон медиҳад, ки ғизои мактабӣ метавонад на танҳо тавассути таъминоти маҳсулот ва навсозии ошхонаҳо рушд намояд. Дар атрофи он метавон муҳити фаъоли мактабиро ба вуҷуд овард: гармхонаҳо — ҳамчун лабораторияҳои таълимӣ, боғҳо — ҳамчун сарчашмаи маҳсулот ва лоиҳаҳои хонандагон, инчунин ҷалби волидон ва ҷомеа — ҳамчун шарикони воқеии мактаб.

Албатта, ҳар як қарор бояд ба шароити мактабҳои маҳаллӣ, иқлим, буҷет ва анъанаҳо мутобиқ карда шавад. Аммо принсипи асосӣ универсалӣ мебошад: барнома танҳо вақте устувор мегардад, ки дар паси он на танҳо хуҷҷатҳо ва дастгирии беруна, балки инсонҳои ба ҳаёти мактаб ҷалбгардида қарор дошта бошанд.

Мактабҳои Арманистон нишон доданд, ки хӯроки нисфирӯзии мактабӣ метавонад як қисми фарҳанги ғамхорӣ дар ҳаққи кӯдак бошад. Ин на танҳо омили таъминоти ғизо, балки соҳаҳои тандурустӣ, эътимод, таълими амалӣ ва иштироки оиларо низ фаро мегирад.

***Рӯзи 1 июн, Боғи марказии шаҳри Хоруғ пур аз ханда, мусиқии шодмон ва фазои идона буд. Кӯдакон суруд мехонданд, бозӣ мекарданд, дар озмунҳо иштирок намуда, бо шавқ исбот мекарданд, ки ғизои солим дилгиркунанда нест.***

***Ҳамин тавр дар шаҳри Хоруғ Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон таҷлил гардид. Дар ин ҷашн тақрибан 500 нафар иштирок карданд: кӯдакон, волидон, муаллимон, намояндагони ҷомеаи маҳаллӣ ва меҳмонон.***

# ҚИРС-ҚИРСИ СЕБ, СУРУДҲО ВА ЯК ҶАШНИ БУЗУРГИ КӮДАКОНА ДАР ХОРУҒ

**Барои бисёр оилаҳо, ин рӯз на танҳо як рӯзи шавқовар дар боғ буд. Он ҳамчун ёдраскунӣ аз он чизе, ки аз ҳама муҳимтар аст, хизмат кард: кӯдакон ба таваҷҷӯҳ, амният, шодӣ ва имконияти рушд ва ба воя расидани солим ниёз доранд.**

**Ин чорабинӣ аз ҷониби дафтари маҳаллии Барномаи озуқаворвии ҷаҳонии СММ дар шаҳри Хоруғ, бо ҳамкории Институти ғизои соҳавии Федератсияи Русия ва намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВМКБ баргузор гардид. Муслима Афзалшоева, муовини раиси ВМКБ, низ дар ин чорабинӣ иштирок намуда, кӯдаконро табрик гуфт ва ба онҳое, ки дар озмунҳо беҳтарин буданд, ҷоизаҳои хотиравӣ тақдим кард.**

## *Вақте ки тавассути бозӣ масъалаи саломатӣ муҳокима карда мешавад*

Кӯдакон одатан гӯш кардани сӯҳбатҳои тӯлонӣ дар бораи ғизои солимро душвор меҳисобанд. Аммо агар шумо ба ҷои лексия бозӣ пешниҳод намоед, ҳама чиз тағйир меёбад.

Дар фестивал, кӯдакон дар "Мусобиқаи меваҷот", бозиҳои мавзӯӣ ва чорабинии "Қирс-қирси себ" иштирок намуданд. Онҳо ба саволҳо ҷавоб дода, қувваозмоӣ карданд, хандиданд, якдигарро дастгирӣ намуда, фаҳмиданд, ки чаро меваҷот, сабзавот ва дигар хӯрокҳои солим барои инкишоф, қувва ва некӯаҳволӣ муҳиманд.

Ин фаъолиятҳо махсусан бо хонандагони хурдсол хуб кор мекунанд. Кӯдакон на танҳо мешунаванд, ки "ғизои солим хӯред". Онҳо иштирок намуда, чизҳоро месанҷанд ва тавассути ҳаракат ва эҳсосот меомӯзанд. Ва сипас онҳо ин таҷрибаро ба хона меоранд - ба сӯҳбатҳо бо волидон, дӯстон ва одатҳои ҳаррӯзаи худ.

## *«Кӯдакон беҳтар дарк намуданд, ки ғизои солим чист».*

Барои хонандагони мактаби рақами 9-и шаҳри Хоруғ мавзӯи ғизои солим аллакай шинос аст. Мактаб дар барномаи давлатии ғизои мактабӣ




иштирок намуда, кӯдакон ҳар рӯз хӯроки гарми серғизо мегиранд.

Муаллимаи мактаби рақами 9 Ҷамила Абдураҳимова мегӯяд, ки ин тадриҷан муносибати кӯдаконро ба хӯрок тағйир медиҳад:

"Ба шарофати барномаи ғизои мактабӣ, хонандагони мо ҳар рӯз хӯроки серғизо ва солим мегиранд. Бо гузашти вақт, кӯдакон фаҳмиданд, ки чаро ин муҳим аст ва бештар хӯрокҳои солимро ба ҷои газакҳои носолим интихоб мекунанд."

Вақте мо фаҳмидем, ки ҷашни Рӯзи кӯдакон дар бораи ғизои солим хоҳад буд, хонандагони мо фавран хостанд дар он иштирок кунанд. Онҳо махсусан аз омодагӣ ба маъракаи "Қирс-қирси себ" лаззат бурданд.

Кӯдакон расмҳои дурахшони меваҳоро кашида, бо ифтихор онҳоро дар маҳфил намоиш доданд, сурудҳо хонданд ва дар бораи манфиатҳои ғизои солим сӯҳбат намуданд. Барои онҳо ин на танҳо як фаъолияти шавқовар, балки имконияти аз нав дида баромадани одатҳои худ буд.

Баъд аз чорабинӣ, бисёре аз хонандагон гуфтанд, ки мехоҳанд чунин чорабиниро дар мактаби мо баргузор кунанд, то кӯдакони бештар дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот гиранд."

Чӣ тавре аз ҷониби муаллим қайд гардид, ки кӯдакон дар ҷашн чӣ гуна иштирок карданд, махсусан қаноатбахш буд: бо итминон, дӯстона ва бо шавқи самимӣ. Барои онҳо ин рӯз на танҳо шавқовар буд, балки дарси арзишманд низ буд, ки онҳо онро аз дарси муқаррарии синфӣ беҳтар дар ёд доранд.



### *«Ман фаҳмидам, ки чаро хӯрдани мева муҳим аст».*

Ангелина Муборакалиева, хонандаи синфи чоруми мактаби рақами 9-и шаҳри Хоруғ, таассуроти худро чунин нақл кард:

"Ман аз чорабинии "Қирс-қирси себ" бештар лаззат бурдам. Ман дар бораи аҳамияти хӯрдани мева ва дигар хӯрокҳои солим бисёр чизҳоро омӯхтам. Чорабинӣ шавқовар, ҷолиб ва таълимӣ буд. Ман хурсандам, ки бо дӯстонам иштирок кардам ва умедворам, ки чунин чорабиниҳо бештар маъмул мешаванд."

### *Ҷашне, ки шумо мехоҳед такрор кунед*

Натиҷаи асосии чунин чорабиниҳо на танҳо табассум ва аксҳост. Муҳим аст, ки кӯдакон як паёми оддӣ ба хона биёранд: нигоҳубини саломатии онҳо ҳар рӯз имконпазир буда, ғизои солим метавонад болаззат, рангоранг ва ҷолиб бошад.

Вақте ки кӯдак дар ин бора тавассути бозӣ, суруд, мусобиқа ва ҷашни муштарак маълумот мегирад, дониш муддати тӯлонӣ бо ӯ боқӣ мемонад. Ин маънои онро дорад, ки як рӯз дар боғ метавонад оғози тағйироти хурд, вале муҳим бошад — дар мактаб, дар хона ва дар одатҳои тамоми оила.





***Дар Тоҷикистон мавсими нави озмунҳо оғоз ёфт. Имсол мактабҳо ва ошхонаҳои мактабӣ метавонанд бори дигар нишон диҳанд, ки хӯроки кӯдакон на танҳо аз таомнома, маҳсулот ва харитаҳои технологӣ иборат аст. Ин инчунин меҳнати нафароне мебошад, ки ҳар рӯз барои мактаббачагон хӯрок омода мекунанд ва дастаҳои якдили мактабиест, ки бо дастони худ сабзавоту кабудӣ мепарваранд.***

# ТАЪМИ БЕШТАР, ФОИДА ВА ТАВАҶҶУҲ БА КӮДАКОН:

*дар Тоҷикистон бори дигар беҳтарин ошпазҳо ва гармхонаву боғҳои наздимактабиро интихоб мекунанд*

***Баҳори имсол кор ба ду озмун ҳусни оғоз бахшид: озмуни ҷашнии панҷуми «Ошпази беҳтарини мактабии Тоҷикистон — 2026» ва озмуни чоруми «Беҳтарин боғи мактабӣ». Ҳарду лоиҳа кайҳо боз як қисми барномаи ғизои мактабӣ гардидаанд, вале ҳар қадоми онҳо ин барномаро ба таври худ инъикос мекунанд.***

***Яке аз озмунҳо дар бораи маҳорат, масъулият ва меҳнати ҳаррӯзаи ошпазони мактабӣ мебошад. Озмуни дигар дар бораи заминҳои наздимактабӣ, гармхонаҳо, кӯдакон, омӯзгорон, волидон ва чӣ гуна ба як дарси воқеии хӯроки солим табдил ёфтани як ҷӯяки оддии замин ҳикоят мекунад.***

**Озмуни "Беҳтарин ошпази мактабии Тоҷикистон**

**Озмун 17-уми апрел оғоз ёфт. Имсол он аллакай бори панҷум аст, ки баргузор мешавад ва барои ошпазони мактабӣ дар саросари кишвар ба як майдони воқеии касбӣ табдил ёфтааст.**

**Мавзуи озмуни соли 2026: «Анъанаҳо. Бехатарӣ. Навовариҳо». Дар ин се калима — тамоми моҳияти ошхонаи муосири мактабӣ нуҳуфтааст. Аз як тараф, ҳифзи эҳтиром ба таомҳои миллӣ ва таъмҳои ошно муҳим аст. Аз тарафи дигар — ғизои мактабӣ бояд бехатар, мутавозин ва дорои қоидаҳои дақиқ бошад. Инчунин он бояд рушд кунад: равишҳои муосир, таҷҳизоти нав, таомномаи андешидашуда ва пешниҳоди ҷолиби таомҳоро истифода барад.**

**Барои иштирок ошпазҳо ва кормандони ошхонаҳои мактабҳое, ки шомили Барномаи ғизои мактабӣ мебошанд, даъват карда шуданд. Шарти асосӣ — доштани на камтар аз се сол собиқаи касбии корӣ мебошад. Барои сабти ном пур кардани дархост, замима намудани нусхаи сканершуда ё акси дафтарчаи тиббии амалкунанда ва инчунин**



**омода кардани иншои кӯтоҳи ҳавасмандӣ ё видео-муаррифии то дудақиқагӣ зарур буд.**

**Пас аз интихоб, иштирокчиёнро омӯзиши онлайнӣ интизор буд. Ошпазҳо тавонистанд мавзуъҳои муҳимро такрор намоянд: меъёрҳои санитарӣ, кор бо кортҳои технологӣ, ташкили ҷойи кор ва дигар масъалаҳои амалие, ки ҳар рӯз бо онҳо рӯбарӯ мешаванд.**

**Худи озмун дар чанд марҳала сурат мегирад: интихоби дархостҳо, нимфиналҳои минтақавӣ ва финал дар шаҳри Душанбе. Дар нимфиналҳо иштирокчиён маҷмӯи пурраи таомҳоро омода мекунанд: таоми якум, таоми дуюм, хӯриш, нӯшокӣ ва маҳсулоти нонӣ. Дар финал бошад, панҷ ошпази беҳтарини мактабии кишвар таоми муаллифии худро пешниҳод менамоянд, супориши амалиро иҷро мекунанд ва аз пурсиши фаврии касбӣ мегузаранд.**

**Имсол ба масъалаи устодӣ (роҳнамоӣ) таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Финалистон ва ғолибони солҳои гузашта ба иштирокчиёни нав барои омодагӣ ба озмун кӯмак хоҳанд кард: таҷрибаи худро боҳам мебинанд, сессияҳои омӯзишӣ мегузаронанд ва ҳамкорони худро дар**



**минтақаҳо дастгирӣ менамоянд. Ин як қисми муҳими озмун аст, зеро ошпазони мактабӣ ҷудо аз якдигар кор намекунанд. Ин як ҷомеаи воқеии касбӣ аст. Ва ҳар қадар ки дар дохили он мубодилаи таҷриба бештар сурат гирад, ҳамон қадар тамоми низоми ғизои мактабӣ тақвият меёбад.**

**Дар финал иштироки панҷ ошпаз дар назар аст, ки минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон: Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғд, минтақаи Кӯлоб, минтақаи Бохтар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро муаррифӣ менамоянд.**

**Ғолибон ва ҷоизадорон бо дипломҳо, мукофотҳои хотиравӣ, сертификатҳо барои хариди техникаи маишӣ, маҷмӯи зарфҳо ва таҷҳизоти касбии ошхона барои ошхонаҳои мактабӣ сарфароз гардонида мешаванд. Мукофоти асосии озмун — ҷоизаи гузарандаи «Қошуқи тиллоӣ» мебошад.**

## Озмуни "Беҳтарин боғи мактабӣ"

Озмун аллакай бори чорум аст, ки баргузор мегардад. Барои иштирок мактабҳои шомили барномаи ғизои мактабии Барномаи озуқаворechoии ҷаҳонии СММ, ки дорои қитъаи замин барои парвариши сабзавоту кабудӣ ё гармхона мебошанд, даъват карда мешаванд.

Мавзуи озмуни соли 2026 — «Таом аз замини наздимактабии мо» мебошад. Мактабҳо бояд на танҳо як қитъаи замини зебо ё ҳосили хубро нишон диҳанд. Гузаштани тамоми ин масир муҳим аст: интихоби зироатҳо, омода кардани хок, шинондани растаниҳо, нигоҳубини онҳо, ҷамъоварии ҳосил ва нишон додани он, ки чӣ тавр маҳсулоти парваришшуда метавонанд як қисми ғизои мактабӣ гарданд.

Ин як таърихи хеле фаҳмо ва наздик ба кӯдакон аст. Вақте ки кӯдак мебинад, ки чӣ тавр аз як тухмии хурдакак кабудӣ, сабзавот ё зироати дигар мерӯяд, муносибати ӯ ба ғизо дигар мешавад. Ӯ дарк мекунад, ки дар паси як хӯроки оддии нисфирӯзии мактабӣ чӣ қадар меҳнат нуҳуфтааст. Вай вобастагии байни замин, об, меҳнат, саломатӣ ва табақи рӯи мизро мебинад.

Дар озмун мактаббачагон, омӯзгорон, волидон ва ҷомеаҳои маҳаллӣ метавонанд иштирок кунанд. Онҳо якҷоя қитъаи замин ё гармхонаро нигоҳубин менамоянд, мушоҳидаҳо мебаранд, ҳосил ҷамъ



меоранд, чашидани таомҳо мегузаронанд, таомҳо омода мекунанд ва чорабиниҳои мавзуии мактабиро ташкил менамоянд.

Иштирокчиён то 30-юми июн номи худро сабт менамоянд. Дар фасли тобистон мактабҳо ба шинондани зироатҳо, нигоҳубини растаниҳо, ҳифзи онҳо ва ҳисоботи марҳалавию мобайнӣ машғул хоҳанд шуд. Дар моҳҳои сентябр ва октябр ҳосилро ҷамъоварӣ намуда, таомҳо омода мекунанд, чашидани таомҳо, хӯрокҳои нисфирӯзии мавзуӣ ва дигар чорабиниҳои ниҳоиро баргузор менамоянд. Дар моҳи ноябр бошад, ҳайати ҳакамон лоиҳаҳоро арзёбӣ карда, финалистонро интихоб ва ғолибонро эълон мекунанд.

Имсол мактабҳо дастгирии васеи методӣ хоҳанд гирифт. Барои иштирокчиён аз ҷониби агрономмушовирон се вебинари омӯзишӣ гузаронида мешавад. Аз ҷумлаи мавзуъҳо: чӣ тавр ба нақша гирифтани кишт ва омода кардани хок, чӣ тавр нигоҳубини растаниҳо ва сарфакорона истифода бурдани об, чӣ тавр ҷамъоварии ҳосил, нигоҳдории маҳсулот ва дуруст истифода бурдани онҳо дар хӯроки мактаббачагон мебошанд.

Ҳар як мактаб таърих дар бораи замини наздимактабӣ ё гармхонаи худро омода мекунад. Дар он бояд нақл карда шавад, ки кадом қитъаи замин интихоб гардид, кадом зироатҳо шинонда шуданд, корҳо чӣ гуна сурат гирифтанд, кӣ иштирок кард, кадом мушкилот ба миён омаданд ва чӣ тавр онҳо ҳалли худро ёфтанд.

Барои хонандагони синфҳои поёнӣ супориши эҷодии «Таом аз замини наздимактабии мо» — расм ё кори дастҷамъона бо тавзеҳи кӯтоҳ пешбинӣ шудааст. Хонандагони синфҳои 5–11 бошад, дар бораи зироатҳои интихобшуда, кори дастаҷамъона ва таоме, ки аз маҳсулоти парваришёфта омода карда шудааст, иншо менависанд.

Ғолибон дар ду категория интихоб мешаванд: «Беҳтарин боғи мактабӣ» ва «Гармхонаи беҳтарин». Дар ҳар як категория ғолибон барои рушди минбаъдаи ташаббусҳои кишоварзии мактабӣ ба маблағи 10 000 сомонӣ грантҳо мегиранд. Мактабҳое, ки ҷойҳои дуюм ва сеюмро ишғол мекунанд, мувофиқан ба маблағи 5 000 ва 2 500 сомонӣ бо таҷҳизоти техникӣ сарфароз гардонида мешаванд.

## Як ғояи бузург

Дар нигоҳи аввал, ин озмунҳо аз ҳам хеле фарқ мекунанд. Дар яке ошпазони мактабӣ ва дар дигаре дастаҳои якдили мактабӣ, ки дар заминҳои наздимактабӣ ва гармхонаҳо кор мекунанд, иштирок менамоянд. Вале дар асл онҳо дар бораи як чиз сухан мегӯянд: ғизои мактабӣ — ин як низоми зиндаест, ки дар он ҳам касбияти калонсолон, ҳам иштироки кӯдакон ва ҳам дастгирии мактаб, оила ва ҷомеаи маҳаллӣ муҳим мебошанд.

Ташкилкунандагони озмунҳо Барномаи озуқаворechoии ҷаҳонии СММ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Ташкилоти заминавии ИДМ оид ба масъалаҳои хӯроки хонандагон — ТМҒ «Институти ғизои соҳавӣ»/SIFI мебошанд.

Дар пеш — чанд моҳи кор, омодагӣ, ҳаяҷон, вохӯриҳо, чашиш ва албатта, таърихҳои нави мактабӣ интизоранд. Таърихҳо дар бораи ошпазҳое, ки тамоми меҳри худро ба кори худ мебахшанд. Дар бораи кӯдаконе, ки бори аввал бо дастони худ ҳосил мепарваранд. Дар бораи мактабҳое, ки дар онҳо хӯроки хӯрӣ ба як қисми фарҳанги бузурги ғамхорӣ дар ҳаққи саломатии кӯдак табдил меёбад.

# «АГАР БО ШАВҚУ ЗАВҚ МЕҲАНТ НАМОӢ»:

*таърихи Алибек ва боғи мактабӣ*



***Алибек Турдиеви хонандаи синфи ҳафтуми мактаби #12-и ноҳияи Айнӣ як орзу дорад. Вай мехоҳад, ки қитъаи замини мактаб бори дигар сабзу хуррам, зинда ва ободгардад — ҷое, ки дар танаффус баромадан ба он ҷо гуворо бошад, дарахтон, сабзавот ва кабудиҳо сабзида, кӯдакон бинанд, ки чӣ тавр аз замини оддӣ ҳосил ба даст меояд.***

***Мактаби Алибек дар деҳаи Искодари ҷамоати деҳоти Дардар, дар қисми кӯҳистони вилояти Суғд воқеъ аст. Манзараҳои ин ҷо аҷибу беназиранд: кӯҳҳо, дарёҳо ва ҳавои соф. Аммо дар кӯҳистон табиат на танҳо зебоии худро нишон медиҳад, балки метавонад хеле сахтгир (хушунатбор) низ бошад. Боронҳои шадид ҳамроҳ бо лою санг метавонанд дар давоми чанд соат он чизеро, ки одамон дар тӯли солҳо ташкил карданд, хароб созанд.***

Боғи мактаб низ ба ҳамин гуна ҳодиса дучор шуд. Рӯзе аз рӯзҳо он ифтихори мактаби №12 ба шумор мерафт: дарахтон мева медоданд, ҳавлии мактаб шинаму сабзпӯш буд, кӯдакон ва омӯзгорон ба ин ҷо ҳамчун як қисми ҳаёти мактабӣ одат карда буданд. Боғ на танҳо аҳли мактаб, балки сокинони деҳаро низ шод мегардонид. Баъдан, сели сахт заминро зери лою санг гузошта, дарахтонро зарар дод ва қитъаи замине, ки то чанде пеш хурраму зинда буд, қариб холӣ ва вайрон гардид.

**Чӣ тавр қитъаи замини мактабро дубора эҳё карданд**

Барои мактаб ин як бохти бузург буд. Аммо таърих бо ин ба поён нарасид. Омӯзгорон, кормандони мактаб, хонандагон ва сокинони деҳа тадриҷан ба эҳёи ин қитъаи замин оғоз намуданд: заминро аз таҳшинҳои сел тоза карда, сангҳоро бардоштанд ва ниҳолҳои нав шинонданд. Дар наздаш барои бунёди боғ ҷой ҷудо карданд, то барои ошхонаи мактаб сабзавот ва кабудиҳо парвариш намоянд.

Алибек аз ҷумлаи касоне буд, ки ин корро танҳо аз берун тамошо намекард. Вай худаш ҳамроҳи дигар кӯдакон дар нигоҳубини қитъаи замин саҳм мегузошт: кӯмак мекард, медид, ки чӣ тавр растаниҳо реша медавонанд, замин чӣ гуна тағйир меёбад ва чӣ тавр як ниҳоли хурд тадриҷан ба як қисми кори умумӣ табдил меёбад. Дар ин гуна кор натиҷаи фаврӣ нест, вале як эҳсоси муҳим вуҷуд дорад: ту худат кореро анҷом додӣ ва он на дар рӯи коғаз, балки дар ҳавлии мактаб боқӣ монд.

